Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва
илми аз 28.04.2019
№5/24
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Қоидаҳои қабули довталабон –шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар асоси моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, қоидаҳои таҳсил, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони хориҷиро дар донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон(минбаъд донишгоҳ) ба танзим медарорад.

1.2. Мафҳумҳои асосие, ки дар қоида истифода бурда мешаванд:

- шаҳрванди хориҷӣ шахсе, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надорад ва шаҳрванди давлатии хориҷиро доро мебошад.
- Шахси бешаҳрвандӣ – шахсе, ки мутобиқи қонунгузорӣ шаҳрвандии ягон давлатро надорад.
- Довталаб - шаҳрванди хориҷӣ, шахсе, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳуҷҷатҳояшро ба муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

## 2.Тартиби қабули шаҳрвандони хориҷӣ

3. Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон – шаҳрвандони и кишвар, ташкил ва гузаронидани озмуни қабули онҳо бо фармоиши ректори донишгоҳ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули донишгоҳ ректор мебошад.

4. Довталабон – шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои таълиму тарбия дар донишгоҳ ҳуқуқи баробар доранд.

5. Довталабон шаҳрвандони хориҷӣ аз рӯи барномаҳои таълимї дар зинаҳои бакалавр, магистр, мутахассис, доктор PHD ва ҳамчунин барномаҳои таълимии таҳсилоти дуюми олӣ бо риояи талаботҳои қоидаҳои мазкур ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

6. Шаҳрвандони хориҷӣ дар асоси риояи талаботи қонунгузорӣ метавонанд ба шаклҳои таҳсили рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ сафарбар карда шаванд. Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба донишгоҳ дохил мешаванд

набояд аз 10 – 12 % фоиз шумораи умумии қабули донишҷӯёни соли таҳсил зиёд бошад.

7. Муассисаи таълимӣ танҳо бо доштани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки қабули довталабонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои мухталиф расман эълон намояд.

8. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

9. Комиссияи қабули донишгоҳ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи равия ва ихтисосҳое, ки таҳсил дар он ба таври шартномавӣ аст эълон намояд ва теъдоди қабулро аз рӯи равия ва ихтисосҳо барои шаҳрвандони хориҷӣ муқаррар кунад.

10. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ тибқи квотаи ҷудошуда дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин тибқи шартнома ба муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тавсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

11. Шаҳрвандони хориҷие, ки дорои таҳсилоти миёна умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ мебонанд, ба донишгоҳ (ба курсҳои кӯтоҳмуддат, таҷрибаомӯзӣ, барномаҳои такмили ихтисос) қабул карда мешаванд. Сатҳи ихтисос, ки барои дохилшавӣ ба чунин шаклҳои таҳсил зарур аст, аз тарафи донишгоҳ тибқи талаботи мавҷудаи барномаҳои таълимӣ муайян мегардад.

12. Шаҳрвандони хориҷӣ ба донишгоҳ дар асоси шартҳои зерин қабул карда мешаванд:

– мутобиқи созишномаҳои байналмилалӣ (дар ихтисоси санъат, меъморӣ ва варзиш бошад, баъди гузаштан аз санҷиши маҳорат аз ҷониби кафедраҳои тахассусӣ)

– дар ҳудуди ҷойҳои муқарраршудаи қабул бо роҳхати Вазориати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ;

– мувофиқи шартномаи тарафайн бо донишгоҳ барои ҳар як ҷой дар ҳудуди микдори муайяншудаи иҷозатнома ва пардохти маблағи таҳсил;

13. Ҳаҷми маблағи таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ бо қарори Шурои олимон (омӯзгорон) муқаррар гардида, дар асоси хулосаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

## 3.Тартиби баргузор намудани озмун, имтиҳон ва сухбатҳо

14. Шаҳрвандони хориҷӣ бо супоридани имтиҳони тестї бо назардошти ба даст овардани 75 ва зиёда аз он ба донишгоҳ қабул карда мешаванд.

15. Барои тоҷикони бурунмарзӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар донишгоҳ маблағи пардохти шартнома чун шаҳрвандони ҷумҳурӣ муқаррар карда мешавад.

16. Шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои аз бар намудани забони давлатӣ ба курси тайёрӣ қабул гардида, баъди аз озмун гузаштан ба курси аввал интиқол дода мешаванд.

18. Фаъолияти курсҳои тайёри дар донишгоҳ аз моҳи феврал то моҳи июн ба роҳ монда мешавад.

19. Муҳлати қабули аризаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба донишгоҳ ҳамасола то моҳи феврал муқаррар карда мешавад.

20.Ҳадди ақали холҳои зарурӣ барои дохил шудан аз ҷониби донишгоҳ муайян карда мешавад.

21. Санаи оғози имтиҳонҳо дар донишгоҳ ва номгӯи имтиҳонҳои дохилшавӣ тибқи тартиботи муқарраршуда муайян карда мешавад.

22. Натиҷаи имтиҳони хатми шуъбаҳои тайёрии муассисаҳои таълимӣ, ҳуҷҷати расмии муассиса баҳисоб рафта, ба сифати натиҷаи имтиҳони дохилшавӣ ба асос гирифта мешавад.

23. Шаҳрвандони хориҷие, ки ба донишгоҳ дар асоси шартнома қабул мешаванд, бо донишго қарордод ба имзо мерасонанд, ки дар он шартҳои таҳсил, уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои тарафҳо нишон дода мешавад.

24. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ ба ихтисосҳое, ки тайёрии махсус ва ё қобилияти эҷодиро талаб менамояд, бо назардошти имтиҳони эҷодӣ амалӣ карда мешавад.

25. Довталабони гурӯҳҳои шартномавӣ баъд аз гузаштани сӯҳбат ва ё супоридани имтиҳонҳо танҳо дар асоси пардохт намудани маблағ таҳсил қабул карда мешаванд.

26. Ба донишҷӯёни хориҷие, ки тибқи бурсияҳои таҳсилӣ дар донишгоҳ таҳсил мекунанд, дар ҳаҷми барои шаҳрвандони Ҷумҳури Тоҷикистон муқаррargardida стипендия тибқи қарордод бо донишгоҳ муайян карда мешавад.

## 4. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули муассисаи таълимӣ пешниҳод менамоянд:

27. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули донишгоҳ пешниҳод менамоянд:

- аризаи шахсӣ бо нишондоди ихтисоси интихобшуда ва шакли таҳсил;

- ҳуҷҷати аслии таҳсилот, ки бо ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилот баробар аст (Шаҳодатномаи баробарарзишӣ оид ба таҳсилот), бо нишондоди ихтисос (дараҷаи

фанҳои омӯхташуда ва натиҷаи баҳоҳо, тасдиқи тарҷумаи онҳозабони давлатӣ ва ё русӣ бо тартиби муқарраргардида;

- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (барои онҳое, ки ба курси 1 қабул мешаванд);

- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти пурра ва инчунин маълумотномаи академӣ (ва ё диплом) дар бораи таҳсилоти олии нопурра ё диплом дар бораи таҳсилоти касбии зинаҳои гуногун (барои онҳое, ки ба курсҳои болоӣ қабул мешаванд);

- дипломи бакалавр (ва ё мутахассис) ё дипломи ба ин дараҷаи ихтисос баробар (барои онҳое, ки ба магистратура қабул мешаванд);

- дипломи магистр (ё мутахассис) ё дипломи ба ин дараҷаи ихтисос баробар (барои онҳое, ки ба аспирантура қабул мешаванд);

- дипломи номзади илм ва ё дипломи ба ин дараҷаи ихтисос баробар барои (барои онҳое, ки ба докторантура қабул мешаванд);

- шаҳодатномаи намунаи муқарраршуда дар бораи бомуваффақият хатм намудани курсҳои тайёрии пеш аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ба рӯйхати расмии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд);

- маълумотномаи тиббии муқарраршуда, ки набудни бемории аломати масунияти бадан (СПИД)-ро шаҳодат медиҳад ва дар он қайди махсус гузошта шуда, аз тарафи идораи расмии нигаҳдории тандурустии кишвари хориҷӣ тасдиқ шудааст;

- нусхаи шиноснома бо раводид ва қайди амалкунанда (ҳангоми дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан);

- корти муҳоҷирӣ

- 6 дона сурати 3х4

28. Ҳуҷҷатҳои довталабон баъди аз нострификатсия (баробарарзиши) гузаронидани ҳуҷҷати таҳсилоти худ ва муайян шудани дараҷаи сатҳи таҳсилот қабул карда мешаванд.

29. Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб бо озмуни қабул хозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашташуда ҳисобида мешаванд.

## 5. Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён-шаҳрвандони хориҷӣ

30. Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён –шаҳрвандони хориҷӣ дар асоси низомномаи хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни донишгоҳ( фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳури Тоҷистон аз 15.07.2019 №2122) ба роҳ монда мешавад.

31. Интиқоли шаҳрвандони хориҷӣ аз муассисаи талимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои олии касбии хориҷӣ ва ҳамчунин дигар муассисаҳои олии касбии дохилӣ дар асоси маълумотномаи академӣ ва ризояти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

**6. Муқаррароти хотимавӣ**

32. Риоя ва иҷрои талаботи бандҳои Қоидаҳои мазкур аз ҷониби ҳамаи донишҷӯёни,магистрҳо,ҳайати омӯзгорон, кормандон, роҳбарони қисмҳои таркибӣ ва воҳидҳои сохтории донишгоҳ новобаста аз шакли ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

33. Дар сурати қаноатманд набудан аз озмун довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандд ҳуқуқ дорад,ки мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи донишгоҳ бо натиҷаи сӯҳбаташ ( агар хаттӣ низ бошад) дар муҳлати то 3 рӯз тариқи апеллятсия (комиссияи апелятисонӣ бо фармоиши ректор (директор) таъсис дода мешавад) шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав гузаштани суҳбат набуда , балки танҳо санҷиши дурустии он мебошад ва натиҷаи он дар протокол қайд карда мешавад.

34. Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули донишгоҳ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровarda мешавад.